*Суханро вазну тамкини Замин бояд,*
*Суханро қудрати ҷонофарин бояд,*
*Дили сарбозу мисли ту камин бояд,*
*Замини ман,*
*ки дастони туро хонад.*
*Суханро сеҳри мурдан, зинда гардидан,*
*Хазон дидан, баҳорон боз сабзидан.*
*Чу дарё дар муҳити хеш гунҷидан*
*Бувад лозим, ки авсофи туро гӯяд.*

*Суханро талхии ашки дили модар*
*Ва ширинии ёди бӯсаи дилбар.*
*Барои навкамону навҷавон аскар*
*Ҳамебояд, ки асрори туро хонад.*

*Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,*
*Дуои модарони пирро гирад,*
*Ки бо ҳикмат дами шамшерро гирад,*
*Ба нимовоз эъҷози туро гӯяд.*

*Зимистон тухми гул бар хок мерезад,*
*Баҳорон мавҷи гул аз хок мехезад.*
*Чу тухми одамӣ резад, намехезад,*
*Намерӯяд, ки рози хешро гӯяд...*

*Муъмин Қаноат*

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**



# ДАЪВАТНОМА

**Мухтарам** ________________________________________

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Шуморо барои ширкат дар конференсияи илмӣ-назариявӣ тахти унвони “**Мақоми Муъмин Қаноат дар адабиёти муосири тоҷик**”, ки ба муносибати 90-солагии шоир, узви вобастаи АМИТ 20 майи соли 2022 баргузор мегардад, даъват менамояд.

Макон:

Толори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

**хиёбони Рӯдакӣ 33.**

**Замон:** 20 майи соли 2022, **соати $10^{00}$**

**Маърӯза: то 15 дақиқа**

**Музокира: 3 дақиқа**

БАРНОМА

*Як лаҳзаи тасвир ва суханронии шоир ва узви вобастаи АМИТ устод Муъмин Қаноат.*

*1. Сухани ифтитоҳии Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ.*

*2. Пайванди андешаҳои Муъмин Қаноат ва Шаҳриёр*
*Суханвар: Кӯчарзода Аламхон.* **д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ.**

*3. Сухане чанд аз рӯзгору осори Муъмин Қаноат.*
*Суханвар: Асрори Раҳмонфар, ходими калони илмии Маркази мероси хаттии АМИТ*

*4. Қироати ашъори устод Муъмин Қаноат.*
*Ровӣ: Ориҷиқи Қодир, Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон.*

**5. Инъикоси ҳуввияти миллии тоҷикон дар эҷодиёти Муъмин Қаноат.**
*Суханвар: Беҳрӯзи Забеҳулло, н.и.ф.. муовини директори нашриёти “Ирфон”.*

*6. Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ.*
*Суханвар: Саидзода Ҷамолиддин, н.и.ф., ходими калони илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ*

*7. Марсия дар назми устод Муъмин Қаноат*
*Суханвар: Маҷнунов Абдуламин, мудири шуъбаи фолклори ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ*

*8. Ёддошт ва хотираҳо аз ҳаёту эҷодиёти устод Муъмин Қаноат.*
*Суханварон: Бобохонов Бобоназар, Акбари Турсон, Абдураҳмони Абдуманнон, Раҳмат Назрӣ...*